КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

аз "18" сентябри соли 2019 № 175 ш. Душанбе

Оид ба радкунии додани
унвони илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 121 ва 122 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016. № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 04 марти соли 2019, № 212/уи оид ба дарёфти унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси Педагогика ба Сабуров Хайрулло Мирзоевич бинобар риоя нагардидани сархати 6 банди 125 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) ва тартиби барасмиятдарории парвандаи аттестатсионӣ рад карда шавад.

2. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Комиссия оид ба баррасии парвандахои аттестатсионии довталабони унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2019, суратҷаласаи №8 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ.

Раис А. Розиқзода